**ХУЛОСАИ**

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон. –Душанбе, 2023.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ Қосимов О.Ҳ. (раис), доктори илмҳои филологӣ, Матробиён С.Қ. (аъзо) ва номзади илмҳои филологӣ, Ҳасанова Ш.(аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертант Неъматова Бибиқанд дар мавзуи **«Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ»** кӯшиш намудааст, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои грамматикии ҷонишинҳои забони вахонӣ таҳлил намуда, гурӯҳҳои луғавию грамматикии ҷонишинҳои забони вахониро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар зимни ин мавзуъ диссертант ҳамчунин ба заминаҳои назариявии таснифи ҷонишин ҳамчун ҳиссаи нутқ таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои муҳаққиқонро перомуни масоили мухталифи марбут ба ҳиссаҳои нутқ таҳлилу баррасӣ карда, назари шахсии худро доир ба гуфтаҳои забоншиносон баён намудааст. Таҳқиқу баррасии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ, ба сурати монографӣ пеш аз ҳама, барои ба таври амиқу дақиқ баррасӣ намудани сохтори дастурии ҷонишинҳои ин забон, нишон додани хусусиятҳои семантикию грамматикӣ ва шаклҳои категориалии онҳо мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзиши таҳқиқи забоншиносии муқоисавӣ-таърихии забонҳои эронӣ, бахусус забонҳои шохаи шарқии он ба сифати матолиби назариявӣ ва дар амалия ҳангоми таҳияи барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ ҳамчунин курсу семинарҳои тахассусӣ оид ба забонҳои эронии

шарқӣ, бахусус забонҳои помирӣ дар риштаҳои филологии муассисоти таҳсилоти олӣ ба сифати маводи забонӣ хидмат мерасонад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он аст, ки дар диссертатсия бори нахуст дар эроншиносӣ дар асоси маводи ғании забонӣ низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022, №3 тасдиқ гардидааст, таълиф шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии омӯзиши масъалаи низоми ҷонишинҳо»** номгузорӣ шуда, мавзуи диссертатсия дар иртибот бо назарияи муосири забоншиносӣ доир ба ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ ба доираи баҳси илмӣ кашида шуда аст. Боби мазкур аз се фасл иборат буда, дар он, пеш аз ҳама, доир ба асосҳои назариявии масоили мухталифи марбут ба ҷонишинҳо ва сохтори семантикию дастурии онҳо дар осори забоншиносӣ ба таври густурда мавриди баррасию таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия “**Ҷонишинҳои шахсӣ**” номгузорӣ шуда, дар он таваҷҷуҳ ба ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишинҳои шахси якуми танҳо ва ҷамъ, ҷонишинҳои шахси дуюми танҳо ва ҷамъ, ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо ва ҷамъ, ҷонишинҳои нафсӣ таъкидӣ ва сохти эргативӣ равона шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсияи ба ташхис пешниҳодшуда роҷеъ ба хусусиятҳои луғавӣ-семантикӣ ва грамматикии ҷонишинҳои ишоратӣ, саволӣ, номуайянӣ, манфӣ, ҷонишинҳои таъйинӣ ва ҷонишинҳои муштарак сухан рафтааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ мушаххасан баён шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021,№ 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.19 - Назарияи забон мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ дарҷ гардидааст, ки 6-тои онҳо дар маҷалла (нашрия)-ҳои тақризшаванда ва 5 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расидааст ва дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос менамоянд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Аҳамияти таҳқиқот, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Неъматова Бибиқанд дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон бевосита ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Неъматова Бибиқанд дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя пешниҳод карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мувофиқ мебошанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Парвонахон Ҷамшедов -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна** – доктор (PhD) «Забоншиносӣ» , муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба

номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви Шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви Шурои диссертатсионӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна

«13» ноябри соли 2023

Имзоҳои О.Ҳ.Қосимов, С.Қ. Матробиён ва Ш.Р.Ҳасановаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои Юсупова
махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj, E-mail : ddzt@ddzt.tj